# Тақриз

ба рисолаи номзадии Аркомиддинзода Ш. А . Дар мавзуи «Таълимоти Ибни Халдун дар бораи ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руи ихтисоси

09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ

Дар фалсафаи иҷтимоии даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон дигаргуниҳои хеле назаррас ба амал омад, ки барои дарки муназзаму мақсадноки ҳодисаҳои ҷамъиятӣ, инкишофи қобилияти идора намудани онҳо, маҳорати тарҳрезии самти рушди эҳтимолияшон ва ғайра заминаҳои назариявию методологӣ фароҳам оварданд. Баробари ба кор гирифтани усулҳои пешқадамӣ таҳқиқӣ масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ фаласафаи иҷтимоии муосири тоҷик дар ин муддат тавонист баъзе норасоиҳои марбут ба даврони пешинаи ташаккулёбияшро дар мавриди фарогии амиқи таърихӣ бевоситааш ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ пушти сар намояд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ фалсафаи иҷтимоии тоҷик дар асоси ҷалби манбаъҳои аслӣ ба мадори андешарониҳои густурдаи таҳлилӣ тавонист зина ба зина саҳифаҳои таърихӣ ташаккулёбияшро дар заминаи фарҳанги миллӣ пурра намояд дар гузаштаи начандон дур ин кор аслан аз ҷониби намояндагони соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ анҷом дода мешуд. Онҳо бештари маврид дар ҳошияи таҳқиқоташон бахшида ба таълимоти файласуфони алоҳида ягон боб ё зерфасли хурдеро тахти унвони «ақидаҳои иҷтимоии мутафаккир» ҷудо намуда, ба баррасии маҳдуди андешаҳои олими мавриди назар мепардохтанд. Ҳарчанд дар замони худ ин таҳқиқотҳо аз арзиши муайян холӣ набуданд, вале барои эҷоди тасаввуроти низоми мукаммал аз таърихи фалсафаи иҷтимоии мо пурра мусоидат наменамуданд. Аксар маврид ҷанбаҳои пуроблемавии масъалагузориҳо ва муқоисаҳо аз назарҳо дур мемонданд.

Лозим ба зикр аст, ки айни замон бароиислоҳи ҳолати норасоиҳои таҳлилӣ дар мавриди омӯзиши таърихӣ фалсафаи иҷтимоӣ аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ корҳои назаррас ба анҷом расида истода аст. Монографияҳо ва адабиётҳои таълимии соҳавӣ ба нашр расида, дар онҳо умдатан ба ҷанбаҳои таърихию назариявии ташаккули масъалаҳои иҷтимоӣ низ таваҷҷӯҳ зоҳир мегардад. Рисолаи Аркомиддинзода Ш.А. Дар мавзуи «Таълимоти Ибни Халдун дар бораи ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон»,

ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ анҷом дода шудааст, аз ҷумлаи чунин иқдомоти шоистаи дастгирӣ ба шумор меравад. Муаллиф дар ду боб ҷанбаҳои умдатарини масъалаи мазкурро мавриди таҳлил қарор дода аст. Мулоҳизаҳои муаллиф вобаста ба масъалаи мазкур дар заминаи равишҳои мӯътабари таҳлилӣ асоснок шудаанд. Аз ҷумла диссертант хеле хуб назариёти Ибни Халдунро оид ба масъалаи хусусиятҳои робитаи инсон бо табиат бо андешаҳои Ш. Монтескё муқоиса менамояд ва хулосаҳои худро баён мекунад.

Ҳамин тавр, аз таҳлили рисолаи мазкур бармеояд, ки муаллиф дар самти таҳқиқи масоили фалсафаи иҷтимоӣ кори муайян ва шоистаи дастгириро анҷом додааст. Манобеи истифода намудааш аз сарчашмаҳои аввал ва мӯътабари илмӣ аст, ки ин аз мавҷудияти қобилияти мустақилона пеш бурдани корҳои илмӣ аз ҷониби ӯ гувоҳ медиҳад. Муаллиф вобаста ба мавзуи кори илмияш мақолаҳо дар маҷаллаҳо интишор дода, дар анҷуманҳои илмӣ баромаду гузоришҳо кардааст. Бо такя аз қазовати мазкур ҳамчун роҳбари илмӣ натиҷаҳои ба даст овардаи диссертантро мусбат арзёбӣ намуда, онро барои ҳимоя аз рӯи самти «фалсафаи иҷтимоӣ» тавсия менамоям.

Доктори илмҳои фалсафа, профессор Усмонзода Х.У.

Имзои Усмонзода Х.У.-ро тасдиқ мекунам,

сар. ш. кадрҳо